# Фарқи байни аҳли суннат ва ҷамоат аз аҳли нифоқ ва ихтилофандозон:

Шайх Ҳайсам ибни Муҳаммад Сарҳон

### 🔹 Имом Маҳдӣ кист:

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Имом Маҳдӣ марде аз хонаводаи Паёмбар ﷺ аст, ки ҳанӯз пайдо нашудааст. Аллоҳ ӯро дар як шаб ислоҳ мекунад".

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Имом Маҳдӣ пинҳон аст, ки зиёда аз дувоздаҳ аср пеш ба ғоре дар Сомурро дохил шудааст ва дар охири замон берун меояд".

### 🔹 Идҳо:

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Дар Ислом танҳо Иди Фитр ва Иди Қурбон аст.

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Ошуро ид аст, яъне рӯзи кушта шудани Ҳусайн ва ҳам дигар муносибатҳо".

### 🔹 Азон:

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Паёмбар ﷺ азон гуфтанро ба Билол ва ба Ибни Умми Мактум (разияллоҳу анҳумо) таълим доданд".

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Дар азон гуфтан иловаҳое ҳаст, ки гурӯҳе аз гурӯҳи дигар ва ҷойе аз ҷойи дигар фарқ мекунад".

اللغة الطاجيكية

## Фарқи байни аҳли суннат ва ҷамоат ва аҳли нифоқ ва ихтилофандозон;

🔹 **Саҷда:**

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Саҷда кардан бояд бар замин ва бар ҳар ҷойи пок бошад".

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Ба хоки Карбало бояд махсус саҷда карда шавад".

🔹 **Зиёрати қабрҳо:**

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Зиёрати қабрҳо барои ба ёд овардани марг ва ҳам дуо кардан дар ҳаққи мурдагон аст".

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Зиёрати қабр барои талаби баракат аз қабрҳо ва ҳам барои талаби ёрӣ аз мурдагон ва дучор шудан ба ширк аст".

🔹 **Никоҳи мутъа:**

• Аҳли суннат ва ҷамоат мегӯянд: "Никоҳи мутъа ҳаром аст, зеро Паёмбар ﷺ онро ҳаром кардаанд".

• Аҳли нифоқ ва ихтилофандозон мегӯянд: "Никоҳи мутъа ҷоиз аст, агарчи он барои муддати кӯтоҳе бошад".

اللغة الطاجيكية